Ҳоло тақрибан шаш сол аст, ки аз ҳамдигар хабар надошта, ба тамоси ҳамдигар нарасидем. Тавассути дасти муборакн ҷаноби Шералӣ Раҳимов боз банда дар робитаҳои дуҷонибаи байни Шумо ва ман гиреҳкушо шуд.

Ҳоло тақрибан, ду сол аст, ки маҷмўаи мақолаҳо ва гузоришҳои конгресси эроншиносӣ дар Бамберг чоп шудааст. Медонам, ки дўстони италиявӣ чандин бора саъй карданд,

ки як ҷилд аз ин китоби «сангин» бароятон, ба ш. Душанбе, тавассути почта ирсол гардонанд. Бароям номаълум монд, ки оқибати ин китоб ба дасти муборакатон расид ё ки нарасид? Бинобар ин аз як фурсати хос истифода мебарам.

Студенту шогирди бисёр дарсхон ва боистеъдод дорам, ки феълан дар давраи «дуктурант», яъне «аспирантура» ба таҳқиқоти худ мепардозад. Номи ин кас Экарт Шпвек мебошад. Вай ҳоло рисолаи худашро менависад, дар бораи як анализи таърихии китоби мӯҳташами «Мунтахаб ат-таворих», ки худи Шумо ба чоп расондед! Аз Шумо хоҳиш мекунам, ки ҳар коре карда ба вай ёрдам ва раҳнамоӣ намоед. Вай зоҳиран фурсат дорад, ки ба Тоҷикистон мусофират карда пеши Шумо ояд. Вай ин мактубро ба Шумо тақдим карда, он китоби фавқулзикрро низ ҳамроҳи худ меорад. Вай ҳам хеле хостори дидани Шумо мебошад.

Ман шояд дар моҳи ноябр, бо эҳтимоли бештар дар феврали соли оянда ба Тоҷикистон хоҳам омад. Умедворам, ки Шуморо дида тавонам. Ман ҳанӯз он меҳмоннавозии Шумо ва оилаатонро дар Душанбе фаромӯш накарда, доимо зикри хайри ҷаноби олӣ мекунам. Бо кулли орзуҳои хуши ва саломатии Шумо, саломҳои оташин ва самимиро ба Шумо иброз дорам.

**Берт Фрагнер Бамберг** (Германия), 4.10.1997

**Мӯҳтарам Аҳрор Мухторович!**

Мақоларо бо мароқи зиёд хондам. Вай бисёр маълумоти тозаро дар бораи Камоли Хуҷандӣ ва дигар шоирон фаро мегирад. Шумо Камолро аз назари муаррих кашф кардаед. Ин адабиётшиносонро бояд ба андеша барад.

Мақола журналбоб аст. Аммо дер мешавад. Ба газетаи «Маданияти Тоҷикистон» супоридан мумкин аст.

Бо эҳтиром **А. САЙФУЛЛОЕВ**.
12.4.1982

**Мӯҳтарам Аҳрор Мухторов!**

Ба Шумо як нусха плани корин хонаи адибони шаҳри Ленинобод ба номи Ҳаким Каримро барои соли 1985 мефиристем. Хоҳишмандем, ки ба чорабиниҳои мо иштирок намоед.

Бо эҳтиром — котиби масъули шӯъбаи ленинободии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон **РАҲИМ ҶАЛИЛ**. 20.3.1985.

**Домуллои мӯҳтарам, салом!**

...Микрофилмро ба банда супориш намуда будед. Ман зуд онро тайёр кардам. 16 май аз архив хати расмӣ овар-

PDF Compressor Free Version

данд, ки навиштаҷотро микрофилм карда фиристонед[1], пулашро равон мекунам. Имрӯз микрофилмро бо пӯчта фиристонидам. Агар имконият бошад, баъд аз сафари Маскав ягон ду соат бо ҷаноби Шумо музокира менамудем, банда тартибҳоро меомӯхт. Шумо харитаҳои Ӯротеппаро меомӯхтед. Баъд, бо машварати ҷанобашон банда ҳаракат мекардам.

PDF Compressor Free Version

Мухлиси Шумо **КАРИМҶОН УБАЙДУЛЛОЕВ**, Тошканд, 18.5.1971.

**Рафиқи мӯҳтарам, салом!**

Мактуб ва авторефератӣ ҷаноби Шуморо гирифта зиёда хурсанд шудам. Ба Абдураҳим ҳам як нусхаи асарро расонидам, миннатдор шуд.

Азизам! Аз он нумераҳое, ки барои микрофилм намудан супориш намуда будед, панҷ адад асарро барои микрофилм додам. Баъд, телегромм додам, ки 22 сӯм фиристонед. Микрофилмро фиристонидам.

Азизам! Дар ин хусус агар вақфномаҳое, ки дар вилояти Самарқанд дар вақти ҳокимияти хонҳо шудагиро ҳам микрофилм намоям, барои ҷаноби Шумо як хароҷоти зиёдатӣ мешавад. Агар архиви Тоҷикистон нусхаи аснодҳи ҳамон замонро талаб намояд, он вақт ҷаноби Шумо аз худи Душанбе фотограф оварда, лозимаашро нусха мекунед. Ва ё ин ки коратон тамом шавад, баъди Маскав лоақал як моҳ ба Тошканд омада, шахсан аснодро хонда, дида лозимаашро мегирифтед, хуб мешуд. Боз ихтиёр ба ҷаноби Шумо.

Банда ду харитаи Ӯротеппаро пайдо намудам. Як харитаи шаҳр, дигаре харитаи кишлоқ, шаҳрро ба ду қисм — Охунон ва Хӯҷафахриддин, тақсим намуда, плани кӯчаро кашидаанд. Лекин номи кӯчаҳо нест. Кишлоқро ба волостҳо тақсим намудагӣ.

Харитаро ба фотокорӣ дода, кӯфияашро ба Шумо мефиристонам.

Аз Москва телегром диҳед.

Аз банда ба модаратон, ако Юсуфҷон ва дигарҳо салом расонед.

Мухлиси Шумо **КАРИМҶОН УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ТОШКАНД**, 13.5.1971.

**Дӯсти азизу меҳрубон рафиқ Мухторов!**

Китоби охирини фиристодагиатонро гирифта, ҷаҳон-ҷаҳон хурсанд шудам ва фарахмандона ба ёру дӯстон нишон додам. Ҳамин, ки китобро диданд «Як бор ман хонда бароям», «Як бор ман хонда бароям!» гӯён ман ва китобро ба ҳоли худамон во нагузоштанд. Барои хонда баромадан муваққатан аз дасти камина гирифтанд. Хайр, чӣ гуфтан ҳам мумкин аст? Таърихи диёр, албатта ҳар касро ба худ ҷалб менамояд. Алҳол китоб таҳти мутолиаи дӯстон қарор дорад. Бале онро пас аз гирифтан дар архиви шахсии хеш чун дурри пурбаҳо ва нодир маҳфуз нигоҳ хоҳам дошт!

PDF Compressor Free Version

Барои илтифот ва ёдоварии дӯстонаатон ҳазорон-ҳазор ташаккур. Изҳори итминони беҳамто!..

**Бо камоли эҳтиром АБДУЛЛОЗОДА. Ӯротеппа, 19.4.1976.**

**Муаллими азиз!**

Мақолаи Шуморо, ки таҳти сарлавҳаи «Баъзе маълумоти нав дар бораи Нақибхон Туғрал» дар газетаи «Маориф ва маданият» (18 ноябри 1978) ба табъ расидааст, хондам. Дар як ҷои мақола оид ба соли таваллуди Туғрал Тӯйғун Шарифов «Соли наҳанг» гуфтааст. Шумо онро, дуруст, рад кардаед. Номбурда аз қишлоқи Хушекат буда, ба қисмати фоҷиавии Туғрал яке аз сабабкорон буд. Мумкин барои пардапӯш кардани гуноҳи худ дар ҳошияи девони Туғрал чунин маълумоти тахминӣ овардааст.

Мақолаи Шуморо баргашта ба мухлисони Туғрал хондам. Ҳамаи моро сарфароз кардед. Водии Зарафшон, то болооби он, Шуморо ҳамчун олими зиндакунандаи маданияти қадими ин халқ, бо эҳтиром ва ифтихор ба забон мегиранд.

**Бо эҳтиром Ш. МАҲМАДШОЕВ** Айнӣ, деҳаи Томин, 20.11.1978.

**НОМАИ ДӮСТӢ АЗ МАСТЧОҲ!**

**Ассалому алайкум акои МУЛЛОАҲРОР!**

Аввало ба Шумо салом ва дуруди акоятон Абдуллохон, додаронатон Сафохон, Аълохон ва дигар дӯстон расонида мешавад.

Дигар ҳамин, ки мо аз номи Шумо китобчае бо номи «Худуд ул-олам» гирифтем. Бениҳоят шоду мамнун гардидем. Раҳмати бисёр ба Шумо, дӯсти меҳрубони мо.

Мо аз он мефахрем, ки барои насли имрӯза дурдонаҳои гузаштаи халқи тоҷикро Шумо барои олимон пешкаш менамоед. Мо хоҳони он ҳастем ва талаби онро дорем, ки ум-

ри Шумо бардавом шавад, то ки аз каламн муборакн Шумо савту каломе нишо гардад, ки ба ташнагони маърифат шодоби диҳад.

БО ЭҲТИРОМ, ДЎСТОНИ ШУМО АКАИ ҲОҶӢ АБДУЛЛОХОН САФОЕВ ВА ФАРЗАНДОНАШОН.
МАСЧОҲ, РОҒ, 25.12.1983.

PDF Compressor Free Version

**Мўҳтарам устод А. Мухторов!**

Мо, 30 нафар коллективи муаллимон дар сўҳбати назди директори мактаб ҷамъ омада будем. Ногаҳон хаткашон мактубе ба дасти ман дод. Ин мактуби Шумо буд ба номи ман. Мактубро дар ҳузури муаллимон кушода хондам. Дар мактуб адабиёти нишондода дар бораи рисолаҳои ахлоқии Муҳаммад Ҳусайн Толиби Ҳурӣ аз каталоги О. П. Щеглова- ва маслиҳати Шумо дарҷ ёфта буд. Коллективи муаллимон ба хоксорӣ ва хайрхоҳии Шумо аҳсан хонда, миннатдорӣ изҳор намуданд, ки одамони нек дар олам кам нестанд. Албатта, бузургон бо назари некбинона ба чое расидаанд. Дар бораи кору бори Шумо ва эҷодатон ман ба муаллимон нақл карда шиносонидам.

Шумо ба кори ман барин дармондагон ёрӣ дода, дар тарбияи дигарон низ чӣ қадар заҳмат ба харҷ дода, ғамхорӣ намудаед, ки як умр фаромўш нашуданист. Шумо барои устувор ва зинда намудани санъати ҳунарию меъморӣ, таърихи маданият, санъату адабиёти сарзамини бостонамон, барои миллати тоҷик хизмати шоистаи фаромўшнашавандае кардаед, ки ниро ҳар инсони боҳирад эҳсос менамояд. Хоса, заҳмати зинда кардану ҷамъоварии ба нашр ҳозир намудани «Дурдонаҳои маданияти тоҷикон дар ганҷинаҳои Ҳиндустон» қобили қайд аст, зеро ин дастовардҳо кори саҳл нест.

Заҳмати Шумо ва Шумо барин олимон аст, ки маданияти тоҷик дар олам овозадор ва миллати тоҷикро сарбаланд кардааст. Ман Шуморо ҳамчун фарзанди тоҷик аз БОБОҶОН ҒАФУРОВ (зикраш ба хайр бод) ҳеҷ гоҳ кам намешуморам.

Китоби ҳадя кардаатон «Санг ҳам диле дорад»-ро муаллимон бо навбат хонда истодаанд, ҳоло барои хондани худам навбат нарасидааст.

Аз Шумо умри дарози бобаракат, равнақи эҷодӣ хоҳонам, солҳои сол саломат бошед, муаллими мўҳтарам!

Бо эҳтироми самимӣ АБДУСАЛОМ ШАРИФЗОДА.
ҲИСОР, ДЕҲАИ ЛОНОБ. 12.5.1987.

**Ассалому алайкум мӯҳтарам Аҳрорако Мухторов!**

Боиси хурсандист, ки мақолаатон «Двуязычная надпись XII в. из Новосибирска» дар маҷаллаи АИ СССР (шӯъбаи Сибирӣ)» дарҷ гаштааст. Ин кашфиёти Шумо дар илми таърих бениҳоят кашфиёти ҳалон аст. Бо ин муваффақият Шуморо аз самими дил табрику муборакбод менамоям! Онро дар китобхонаи «Маскани зиё» бо рақами 415 (шӯъбаи адабиёти илмӣ-оммавӣ) ба қайд гирифтам.

PDF Compressor Free Version

Чашмамон ҳамеша дар роҳатон!

Бо арзи меҳнатдорӣ ва эҳтиром **АБДУЛЛО ҚАЮМОВ**, ноҳияи **Ғончӣ**, кишлоқи **Янгиарики-Боло**, 12.6.1991.

**Бародари мӯҳтарам Аҳрорҷон Мухторов!**

Ман сафари муборакии пурмаҳсулатонро шунида хурсанд шудам. Аз муваффақиятҳои ба даст овардаатон низ шодам. Бародари азиз! Шумо «Девони Мавлоно Аҳмади Хуҷандӣ»-ро ба даст даровардам гуфтаед. Ман баъзе тазкираҳоро дидам ин ном маълум нашуд.. Боз дар ояндa баъзе манбаъҳоро бинам, ягон маълумоти пурра ёбам, навишта мефиристонам. Дар бораи маълумотҳои доир ба Камоли Хуҷандӣ бошад, бисёр кори сара кардаед...

БО КАМОЛИ ЭҲТИРОМ, БАРОДАРИ ШУМО **МАҲМУДҶОН ОҚИЛОВ**. Хуҷанд, 15.3.1982.

**Бародари азиз, огои мӯҳтарам Аҳрор Мухторович!**

Баъд аз саломҳои самимона ва табрикот ба муносибати чоп шудани китоби пурарзиши «Мунтахаби» Ҳакимхон ба кӯшиши сермаҳсули Шумо узрҳои худро бигӯям, ки баъд аз гирифтани китоб зуд хабар наневиштам: дар ҷустуҷӯи ягон китоб будам, ки ба ҷавоби он ба Шумо бифиристам...

Китоби Шумо ба рафиқони хичой бисёр дилчасп омад. Ман худам як бор муқаддимаи Шуморо (хеле мукаммал навиштаед) хондаму аз он вақт то ҳанӯз ба дасти дигарон аст.

**БО УМЕДҲОИ САЛОМАТӢ ва МУВАФФАҚИЯТҲОИ** ИЛМИИ ШУМО **АСОМИДДИН ЎРУНБОЕВ**. ТОШКАНД, 10.4.1984.

**Ассалому алайкум акои меҳрубон!**

Пеш аз ҳама узр мепурсам барои дер ҷавоб гуфтан. Ин сабабҳои худро дошт. Маблағгузор ёфтан барои чопи китобҳо хеле мушкил гашт. Ҳоло онҳоро муайян кардем. Яке аз онҳо Ўткур Абулҳаев ҳатто мактуби розигии худро ба

номи директори матбаа ирсол намуд. Инчунин як нусхаи шартномаро низ барои имзо кардан гирифт. Ўткур аз гузари Арбоб мебошад, хаттот Мирхўсайни Хусайни Истравшанӣ низ аз ҳамин гузар буд.

Бо салом укоятон **САЙФУЛЛО МАҲКАМОВ.**
УРОТЕППА, 19.10.1993.

PDF Compressor Free Version

**Салом, устоди азиз ва меҳрубон, Аҳрорака Мухторович — машъали халқу давлат!**

Ман бо миннатдорӣ имрўз мактуби Шуморо, ки 7 январи 1992 навишта будед, хонда сарфароз шудам. Ҳар вақт консультатсияҳои илмии Шумо, дўсти азиз, ба ман чун дору ба кор меояд. Расму газетаи «Паёми Душанбе»-ро гирифта хурсанд шудам. Агар дар бораи яхудиёни Осиёи Миёна (бухориён) ахборотҳо ёфт шавад (аз даври қадим то аввали асри XX) ба ман равона карданатонро илтимос мекардам.

Аз номи тамоми шогирдон ва бародарҳои Самарқандӣ салом мерасонам.

Бо эҳтиром **М. М. АБРАМОВ** САМАРҚАНД, 12. II—1992.

Ассалому алейкум, фарзанди азиз Аҳрорҷонро расида бод, ки моён ҳамагӣ саломат буда, саломатӣ ва обрўмандии Шуморо талаб дорем. Саломат бошед. Ба маълумоти Шумо мерасонам, ки ман аз рўзи 11 то 19 октябр дар Масчоҳи Нав будам. Ҳамагӣ рафиқони шиносбуда, хусусан Оқиловҳо ва Абдуллоҳои ва чанде дигарон пурсиданд.

Кўфияи лавҳи аз санг бардоштаро дида зиёда хурсанд шуданд, ваъда карданд, ки ба кофтуков кардани катибаҳо ва намунаҳои таърихӣ, ки дар қишлоқи Оббурдан ва Такоби Оббурдон гумон доранд, машғул мешаванд.

Аҳрорҷон! Дар Масчоҳи Нав дигаргунӣ ва пешравиҳои калон ба вуҷуд омадааст. Чунончи, соли 1964 22 ҳазор тонна пахта ба даст оварда бошанд, соли 1965 зиёда аз 24 ҳазор тонна пахта мегиранд. Ғайр аз ин назар ба Масчоҳи кўҳна маҳсулоти чорводорӣ — гўшту шир ва тухми мургро себаробар зиёд ба давлат фурўхтаанд...

Бо салом **ХАМДАМОВ БОБОХОН.** 20.10.с.1965.

**Ассалому алейкум мўҳтарам устод Аҳрор Мухторов!**

Устоди азиз! Мактуби Шуморо бо газета гирифта хонда, беҳад хурсанд шудам. Ташаккур ба Шумо. Агар Шумо имкон доред, ба ман як маслиҳати доир ба кофи илмии ман гўед. Ман забони тоҷикиро нағз намедонам, дар ки бора маро авф кунед. Ман ҳуҷҷатҳои қозихонаро тарҷима карда,

ба Шумо фиристода сифати тарҷимаи худро донистанӣ шавам, қабул мекунед? Дар ин бора Шумо чӣ мегӯед?

**МУҲАММАДҶОН АБДУРАҲМОНОВ, АНДИҶОН, 24.4. 1982.**

PDF Compressor Free Version

**Мӯҳтарам Аҳрор Мухторович!**

Аввало иҷозат диҳед ба Шумо саломи гарму ҷӯшон расонида, дар корҳои илмиатон муваффақиятҳои беназир орзу намоям.

Моро як иқдоми неке водор кард, ки қалам ба даст гирем ва ба Шумо таърихшиноси мӯътабар муроҷиат намоем.

Дружинаи пионерии мактаби миёнаи № 25 с/қ Чоркӯҳи р-ни Исфара ва маъмурияти мактаб дар бораи ҷашнгирии 75-солагии академик Бобоҷон Ғафуров таклиф ба миён гузошт. Маъмурият ва муаллимони таърихи ин мактаб ин таклифро маъқул донистанд ва барои амалӣ гардонидани он комиссияи ташкилӣ интихоб намуданд. Комиссия аллакай корро сар кард.

Мо аввал ба коргоҳи донишманди бузург Бобоҷон Ғафуров ба Институти Шарқшиносии АФ СССР бо мактуб муроҷиат кардем. Донишмандони ин донишгоҳ таклифи моро дастгирӣ намуда, бо имзои мудири шӯъбаи таърихи маданияи алоқа бо мамлакатҳои Шарқи хориҷии институти Шарқшиносии СССР, доктори илмҳои таърих Шастиенко П. М. ба мо расмҳои зиёди Бобоҷон Ғафуров ва китобчаҳои зиёди олимро фиристониданд, ки мо онро рӯзи 28 апрели соли 1984 қабул намудем.

Ва инак, ба Шумо, олими мӯътабар, муроҷиат намуда, хоҳиш онем, ки ба мо маслиҳатҳои пурқимат медиҳед ва барои мукаммал кардани хона-музеи Б. Ғафуров ёрӣ мерасонед. Моро бо ин иқдоми нек китоби Шумо «Академик Бобоҷон Ғафуров» водор намуд.

Бо салом ва эҳтироми **аъзоёни дружинаи пионерии мактаби миёнаи № 25 с/қ** Чоркӯҳ, р-ни **Исфара,** вил. **Ленинобод, 11. V.1984.**

Ассалому алайкум устод ва муаллими мӯхтарам!

Аз ҳама пеш узр мехоҳем, ки мо вақти ғаниматдоштаи Шуморо мегирем.

Мо, аъзоёни кружоки «Таърихчиёни ҷавон»-и мактаби миёнаи № 5 райони Восеи вилояти Кӯлобро як масъалаи хеле муҳим ба худ ҷалб намуд. Мо дар мактаб дар якҷоя-

гии «Таърихи СССР», «Таърихи РСС Тоҷикистон»-ро омӯх-та, аз меҳнатдӯстию қаҳрамонӣ ва ватандӯстию корнамоии халқи тоҷик дар гузаштаю ҳозира ба ваҷх омада ба ӯ ҳамду сано мегӯем.

Мо, албатта медонем, ки таърихро Шумо ва олимони намоёни дигари тоҷик дар натиҷаи таткиқотҳои дуру дароз, меҳнати пурсамару шабҳои зиёди бехобӣ офаридаанд.

PDF Compressor Free Version

Хонандагон доир ба таърихи халқи худ ба қадри имкон дониш мегиранд. Аммо онҳо доир ба таърихнависони халқи тоҷик тасаввуроте надоранд. Мо бо муаллимонамон маслиҳат карда, ба хулосае омадем, ки ба шарафи ҷашнгирии 60-солагии ташкилёбии РСС Тоҷикистон дар кабинети таърихи мактаб ба номи «Олимон — муаррихи намоёни ҳозираи халқи тоҷик» гӯшае ташкил кунем. Дар ин гӯша мо меҳоҳем доир ба ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ, номгӯи асарҳои чопшудаи Шумо, материалҳо ҷамъ кунем.

Аз Шумо илтимос мекунем, ки ба мо як дона расми 18x24, маълумот дар бораи ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ, номгӯи асарҳои чопшударо фиристонед. Мо бисёр меҳоҳем, ки дар ин гӯша як ё ду асари Шуморо бо автографаш дошта бошем. Ин дӯстии мову Шуморо мустаҳкам хоҳад кард. Муаллими азиз! мо ин чизҳоро аз Шумо аз сидқи дил ва муҳаббати бепоёни нисбат ба Шумо доштаамон мепурсем.

Мо меҳоҳем, ки ҳаёту фаъолияти Шумо ва дигар таърихнависони намоёнтарини республикаамонро дар соли ҷашнгирии 60-солагии ташкилёбии РСС Тоҷикистон, дар байни хонандагони районамон пропаганда намоем.

Дар ин кори нек ҳама чизе, ки барои бойгардонии гӯшамон аз дастамон ояд, ба мо ёрӣ расонед. Агар ягон иштибоҳе карда бошем, аз Шумо узр меҳоҳем.

Бо салом аъзоёни кружоки **«Таърихчиёни ҷавон»**-и мактаби миёнаи № 5, райони Восеи вилояти Кӯлоб.

**Устоди мӯҳтарам Аҳрор Мухторович!**

Ман шогирди Шумо. Ҳангоми таҳсил дар факултети таърихи УДТ ба номи В. И. Ленин, солҳои 1977—1982 аз лексияҳои пурмазмуни Шумо баҳра бурдаам. Ба Шумо саломи эҳтироми бепоён мерасонам. Сониян аз Шумо як масъаларо пурсида ҳал карданиам.

Ман ҳангоми мутолиаи монографияи илмии устод С. Айнӣ «Алишер Навоӣ» (Куллиёт, ҷилди II, китоби I, нашриёти давлатии тоҷ., Душанбе, 1963) ба як кайди шубҳаангезе ӯ дучор омадам. Сухан дар бораи ду симои таърихии сулолаи Темурӣ меравад.

Устод С. Айнӣ дар зимни шарҳи ҳаёт ва фаъолияти Навоӣ (Фонӣ) дар саҳифаи 278-и китоби номбурда чунин мегӯяд:

«Абулқосим Бобур Мирзо зимистони соли 1456—1457-ро дар Машҳад гузаронида ва... баҳори соли 1457 Бобур Мирзо вафот намуда...»

PDF Compressor Free Version

Вале дар «Эзоҳот ва қайдҳои ҷудогона»-и ҳамон китоб (саҳ. 471, эзоҳи 4) чунин таъкид кардааст: «Ин (яъне Абулқосим Бобур Мирзо — Р. А.) ғайр аз Заҳриддин Бобур Мирзо аст, ки дар Ҳиндустон давлати Темуриро таъсис карда буд».

Оё метавонист, Абулқосим Бобурӣ соли 1457 фавт шуда, баъд аз тахминан 70 соли маргаш асоси давлати Темуриёни Ҳиндро барпо намояд?! Ҳол он, ки мувофиқи маълумоти Шумо дар китобчаи «Аз паи таърихи куҳан» (саҳ. 14—15) ва шарҳи ЭСТ (ҷилди 1) асоси давлати муғулҳои бузургро танҳо Заҳируддин Муҳаммад Бобур Мирзо, ки солҳои 1483—1530 зиндагӣ кардааст, гузошта метавонисту халос.

Акнун чӣ тавр ва дар кадом асос устод С. Айнӣ — аввалин муаррихи халқи тоҷик ба чунин иштибоҳ роҳ дода метавонист?

Устоди мӯҳтарам ва бисёр азиз Аҳрор Мухторович!

Ман барои ташвиш доданам ва гирифтани вақти пурбаҳои Шумо ҳазорҳо узр меҳоҳам ва ба ҷавоби Шумо бо бекарорӣ интизорам.

**Бо саломи шогирдона Абдуҳаким Розиқов, вилояти Кӯлоб, райони Москва. 18.7.1983.**

**УСТОДИ МУХТАРАМ!** Пеш аз ҳама ба воситаи мактуб ба Шумо саломи шогирдона мерасонам. Ман ҳамон шогирди ғоибонаи Шумо ҳастам, ки боре баҳри маслиҳатпурсӣ бо воситаи мактуб муроҷиат намуда будам.

Устоди мӯҳтарам! Маро ҳанӯз ҳам орзуи ходими илм (махсусан ҳамроҳу ҳаммаслаки Шумо будан), шудан ором намегузорад. Агарчанде имрӯз кори хуби ороме дорам, (муаллими оддии мактаби деҳа), худро ором дар канор гирифта наметавонам. Ҳангоме аз ман хаёли ҳиссагузорӣ дар кашфи таърихи халқам дур нагаштааст.

Ман аз соли 1983 (баъди адои хизмат), инҷониб дар мактаб муаллими таърихам. Аз соли 1983 аъзои КПСС ҳастам. Як-ду ҳикояву очеркҳои таърихӣ ҳам дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп кунонидам. Вале ин ҳама маро қаноатманд карда наметавонад.

Ба худ афсӯс, сад афсӯс меҳӯрам, ки баъди хатми до-

нишгоҳ рост ба назди Шумо нарафтаам ва чанд сухани пурҳикмат нашунидаам.

Соли дуюм ст. ки тобистон ба Душанбе меравам. Вале бадбахтона дидори Шумо ба ман мушарраф намегардад. Соли аввал дар сектор ба ман гуфтанд, ки ба водии Зарафшон рафтаед. Соли дуюм гуфтанд, ки Шумо ба... «отпуск» рафтаед.

PDF Compressor Free Version

Устоди азиз! Агар ягон илоҷ бошад, ҳамчун шогирд даъват мекардед, сарам ба осмон мерасид ва ҳамоне аз дилу ҷон ба омӯзиши таърихи ниёгон мепардохтам.

Бо эҳтиром шогирди Шумо **АКБАР МАЪРУФОВ,** муаллими мактаби миёнаи деҳаи Ругунди райони Ўротеппа 8.1.1987.

**Муаллими азиз! Рафиқ Аҳрор Мухторов.**

Аввало иҷозат диҳед аҳволу саломатии Шуморо пурсида, ба Шумо умри дароз ва дар корҳои илмиатон комёбиҳои нав ба нав, дар ҳаёти оилавиатон хушбахтиҳо орзу намоям.

Муаллими азиз, мо медонем, ки Шумо баробари олим будан низ ярок ба даст гирифта, дар озод кардани Ватани азизамон, дар лаҳзаҳои душвортаринаш аз душманони ғаддор ҳисса гузоштаед.

Ба муносибати 40-солагии Ғалаба мо дар музей гӯшаи махсусе бахшида, ба ин ҷашн ташкил карда истодаем. Дар гӯша фиристодагони Ўротеппа ба фронт, хизмати ақибгоҳиҳои дода мешавад.

Аз ин рӯ, муаллими азиз, аз Шумо илтимос менамоем, ки расматон, тарҷимаи ҳолатон ва баъзе ҳуҷҷатҳои даврони ҷангиатонро ба мо фиристонед.

Бори дигар илтимос менамоем хоҳиши моро рад нанамоед.

**ДИРЕКТОРИ МУЗЕИ ТАЪРИХӢ-КИШВАРШИНОСИИ ш. ЎРОТЕППА, (САМАДОВ А.) 6.6.1985.**

**Мӯҳтарам домуллои азиз А. Мухторов!**

Мо ходимони музеи шаҳри Ўротеппа аз Шумо хоҳиш ва илтимос менамоем, ки ба мо дасти ёрӣ дароз кунед.

**ДОМУЛЛОҶОН!** Доир ба таърихи шаҳрамон пайдоиш ва тараққиёту барқароршавии он дар асрҳои гузашта ва муборизаю қаҳрамониҳои халқи Ўротеппа ба муқобили Искандари Макдунӣ, арабҳо ва ғайраҳо маълумоти кофӣ надорем. Хоҳиш ва илтимос менамоем, ки расму ҳуҷҷатҳо ва мақолаҳо мефиристодед.

**«БО ЭҲТИРОМ, ХОДИМОНИ МУЗЕИ ШАҲРИ ЎРОТЕППА.** 1983.

Барои мактуби ҷавобиатон ва китобхои фиристодаатон хазорон маротиба рахмат! Аз Шумо, мехрубон, хеле миннатдорам. Мактубатонро ҳамчун «реликвия» нигох медорам. Китобхои фиристодаатон беарзишанд. Онхо барои камина аз зару зевар ҳам болотаранд.

Устоди азиз! Сухан намеёбам, ки хиссиётамро баён кунам. Ба Шумои азиз умри дарози Саъдиёна ва қувваи Рустамона орзу мекунам. Таърих гувох аст, ки хизмати Шумо бузург аст ва ман орзу мекунам, ки устоди арҷманди ман боз ҳам бузургтар мешаванд.

PDF Compressor Free Version

Бо камоли эҳтиром шогирди якумрап Шумо **ҶУМЪАБОИ ҚУРБОНАЛИЕВ, ПАНҶАКЕНТ, ДЕҲАИ МОҒИЕН, 10.4. 1984.**

**Салом устоди арҷманд Аҳрор Мухторов!**

Номаи пурмазмуни Шумо имрӯз ба дасти мо расид. Аз он ҷо, ки падарам Ислом Хол ба Кӯлоб рафта буданд ва ҷуя посухи номаи Шумо таъхирнопазир буд, зарур донистам ба ҷои падарам, ки мухлис ва иродатманди Шумоанд, Одил Исломов ҷавоби номаи шуморо навишт.

Аз масоӣ ва талошхои Шумо дар роҳи хизмат ба халқу ватан, ҳамаи мо фавқулодда мутташаккир ва сипосгузорем. Дар амри таъҷил ва баргузории садумин солгарди қиёми Восеъ сахми махсуси Шумо хеле бузург буда, ҳамаи сокинони Ховалинг инро медонанду фаромӯш намекунанд...

Аз номи падар ва аҳли хонаводаи мо ба Шумо ва ҷамъи хонаводаи мӯҳтарам саломy дуруди фаровон мерасонам.

Умедворам ҳамеша шод, саломату муваффақ бошед.

Бо тақдими эҳтиром **ОДИЛИ ИСЛОМӢ, ХОВАЛИНГ,** 5.3.1988.

## МАКТУБ АЗ МАСТЧОҲ!

**Дӯсти азизам акои Сайдаҳрор!**

Ман аз номи Шумо як дона хат гирифта, ҳамчунон бо Шумо дар як ҷо сӯҳбат кардагӣ шудам.

Акои Сайдаҳрор! Ман беодобӣ карда, аз Шумо аз номи 60 хоҷагӣ як илтимос мекунам.

Дар колхози мо «Як бому ду ҳаво» гуфтагӣ барин ду система амал мекунад. Дар маҳалҳои зиёди колхоз, ки дар он ҷо аз деҳаҳои Пастиғав ва Ҳалшаҳр зиндагӣ мекунанд, водопровод ҳаст, аз оби нӯшокӣ аҳолӣ таъмин аст. Уро-

Дар он ҷойҳое, ки мардумаш соли 1962 аз Масчоҳи кӯҳ ва кӯчида омадаанд, оби кулмак ё оби борон мехӯранд. Е

...уд аз масофаи ду километр бо хар об мекашонанд.

Мо чандин маротиба ба раиси колхоз, Совети кишлок ... раиси кумитаи ичроия мурочиат кардем. Онхо бо бахо... ...ни «пул нест» ахамият намедиханд. Ба Шумо мурочиат ...рдани ман, ин ки барои савоб ва хам барои халкро аз нў... ...идани об... ...дан ба моён, мардуми хеч рох... ...о намедонистагй, як рох нишон дихед: ба кучо, ба кй халк ...урочиат ё арзу дод гўяд?!

PDF Compressor Free Version

Ако, ман ба Шумо аз рўи эътикод хамин хохишро кар... ...ам, мебахшед.

**БО САЛОМ, БАРОДАРИ ШУМО ХАТИБОВ. МАСЧОХ ...3.1965.**

**Рафики мўхтараму хамдиёрамон Ахрор Мухторов!**

Шўъбаи маданияти Комичроияи Совети депутатхои ...лкии шахри Ўротеппа ва маъмурияти музеи таърихи кишварши... шахрй пас аз саломи самимона ба Шумо ...аълум менамояд, ки ба муносибати чашни фархундаи 60-...олагии республика ва Партияи Коммунистии Точикистон ... максади он, ки ном ва мехнатхои шоёни дар сохаи ил... ...фан, адабиёту санъат ва тамаддуни халкамон бо хуни ...лу нури чашм эчод намудаи Шумо дар таърихи халка... ...и чун ифтихори наслхои имрўза ва ояндаамон бокй мо... ...д, хонаи махсусе ташкил намудаем, ки дар он хис... ...и олимону адибони Ўротеппа дар тараккиёти илму ада... ... республика инъикос хохад шуд ва манзури назари ах... ... чамоатчигй ва мехмонони сершумори музей хохад гар...д.

Бо хамин максад аз Шумо хохишмандем, ки барои ама... гардиданаи ин нияти нек маслихату ёрии худро дарег... ...доред ва барои айёнию хуччатнок чихозонидани ин ...наи маърифат хуччатхои зеринро ба адреси мо фирис...д.

1. Маслихату дархостхои Шумо.

2. Тарчумаи хол ва фаъолияти илмию адабии худатон тарики муфассал.

3. Расм (хачмаш чи кадаре, ки калонтар бошад, хамон ...дар хубтар).

4. Номгўи асархои илмй, эчодй, тадкикотй, ва мако...лахои таълиф кардаи Шумо.

5. Барои дар выставка намоиш додан ва хамчун ёд-

Барои мактуби ҷавобиатон ва китобҳои фиристодаатон ҳазорон маротиба раҳмат! Аз Шумо, меҳрубон, хеле миннатдорам. Мактубатонро ҳамчун «реликвия» нигоҳ медорам. Китобҳои фиристодаатон беарзишанд. Онҳо барои ҳамин аз зару зевар ҳам болотаранд.

Устоди азиз! Сухан намеёбам, ки ҳиссиётамро баён кунам. Ба Шумо умри дарози Саъдиёна ва қуввати Рустамона орзу мекунам. Таърих гувоҳ аст, ки хизмати Шумо бузург аст ва ман орзу мекунам, ки устоди арҷманди ман боз ҳам бузургтар мешаванд.

PDF Compressor Free Version

Бо камоли эҳтиром шогирди якумраи Шумо **ҶУМЪАХОН ҚУРБОНАЛИЕВ. ПАНҶАКЕНТ, ДЕҲАИ МОҒИЁН, 0.4. 1984.**

**Салом устоди арҷманд Аҳрор Мухторов!**

Номаи пурмазмуни Шумо имрӯз ба дасти мо расид. Аз он ҷо, ки падарам Ислом Ҳол ба Кӯлоб рафта буданд ва чун посухи номаи Шумо таъхирнопазир буд, зарур донистам ба ҷои падарам, ки мухлис ва иродатманди Шумоанд, Одил Исломов ҷавоби номаи шуморо навишт.

Аз масоӣ ва талошҳои Шумо дар роҳи хизмат ба халқу ватан, ҳамаи мо фавқулодда муташаккир ва сипосгузорем. Дар амри таъҷил ва баргузории садумин солгарди қиёми Восеъ саҳми махсуси Шумо хеле бузург буда, ҳамаи сокинони Ховалинг инро медонанду фаромӯш намекунанд...

Аз номи падар ва аҳли хонаводаи мо ба Шумо ва ҷамъи хонаводаи мӯҳтарам салому дуруди фаровон мерасонам.

Умедворам ҳамеша шод, саломату муваффақ бошед.

Бо тақдими эҳтиром **ОДИЛИ ИСЛОМӢ. ХОВАЛИНГ,** 5.3.1988.

## МАКТУБ АЗ МАСТЧОҲ!

**Дӯсти азизам акои Сайдаҳрор!**

Ман аз номи Шумо як дона хат гирифта, ҳамчунон бо Шумо дар як ҷо сӯҳбат кардагӣ шудам.

Акои Сайдаҳрор! Ман беодобӣ карда, аз Шумо аз номи 60 хоҷагӣ як илтимос мекунам.

Дар колхози мо «Як бому ду ҳаво» гуфтагӣ барин як система амал мекунад. Дар маҳаллаҳои зиёди колхоз, ки дар он ҷо аз деҳаҳои Пастиғав ва Халишаҳр зиндагӣ мекунанд, водопровод ҳаст, аз оби нӯшокӣ аҳолӣ таъмин аст. Зо-

Дар он ҷойҳое, ки мардумаш соли 1962 аз Мастчоҳ [illegible]на кӯчида омадаанд, оби кулмак ё оби борон мехӯранд. Г[illegible]

худ аз масофаи ду километр бо хар об мекашонанд.

Мо чандин маротиба ба раиси колхоз, Совети қишлоқ ва раиси кумитаи иҷроия муроҷиат кардем. Онҳо бо баҳонаи «пул нест» аҳамият намедиҳанд. Ба Шумо муроҷиат кардани ман, ин ки барои савоб ва ҳам барои халқро аз нӯшидани оби нопок халос кардан ба моён, мардуми ҳеҷ роҳро намедонистагӣ, як роҳ нишон диҳед: ба куҷо, ба кӣ халқ муроҷиат ё арзу дод гӯяд?!

PDF Compressor Free Version

Ако, ман ба Шумо аз рӯи эътиқод ҳамин хоҳишро кардам, мебахшед.

**БО САЛОМ, БАРОДАРИ ШУМО ХАТИБОВ. МАСЧОҲ 4.3.1965.**

**Рафиқи мӯҳтараму ҳамдиёрамон Аҳрор Мухторов!**

Шӯъбаи маорифи Комиҷроияи Совети депутатҳои халқии шаҳри Ӯротеппа ва маъмурияти музеи таърихӣ кишваршиносии шаҳрӣ пас аз саломи самимона ба Шумо маълум менамояд, ки ба муносибати ҷашни фархундаи 60-солагии республика ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон бо мақсади он, ки ном ва меҳнатҳои шоёни дар соҳаи илму фан, адабиёту санъат ва тамаддуни халқамон бо хуни дилу нури чашм эҷод намудаи Шумо дар таърихи халқамон чун ифтихори наслҳои имрӯза ва ояндаамон боқӣ монад, хонаи махсусе ташкил намуданием, ки дар он ҳиссаи олимону адибони Ӯротеппа дар тараққиёти илму адаби республика инъикос хоҳад шуд ва манзури назари аҳли ҷамоатчигӣ ва меҳмонони сершумори музей хоҳад гардид.

Бо ҳамин мақсад аз Шумо хоҳишмандем, ки барои амалӣ гардидани ин нияти нек маслиҳату ёрии худро дареғ надоред ва барои айёнию ҳуҷҷатнок ҷиҳозонидани ин хонаи маърифат ҳуҷҷатҳои зеринро ба адреси мо фиристед.

1. Маслиҳату дархостҳои Шумо.

2. Тарҷумаи ҳол ва фаъолияти илмию адабии худатон ба тариқи муфассал.

3. Расм (ҳаҷмаш чи қадаре, ки калонтар бошад, ҳамон қадар хубтар).

4. Номгӯи асарҳои илмӣ, эҷодӣ, тадқиқотӣ, ва мақолаҳои таълиф кардаи Шумо.

5. Барои дар выставка намоиш додан ва ҳамчун ёд-

гории таърихию маданӣ дар музей маҳфуз нигоҳ доштан беҳтарини намунаи асарҳои Шумо бо дастхати шахсиатон.

6. Номгӯи мукофотҳо, ва унвонҳое, ки Шумо дар давоми кор ба он сарфароз шудаед бо рақами шаҳодатномаҳояш.

7. Ин хоҳишро ба дигар рафиқони Ӯротеппагӣ низ расонидани онро хоҳонем.

PDF Compressor Free Version

Ба гирифтани вақти пурқиммати Шумо узр мехоҳем ва аз Шумо бо эҳтирому эътиқоди бопоён хоҳиш менамоем, ки ин илтимос бечавоб намонад.

**ДИРЕКТОРИ МУЗЕЙ Б. АШӮРОВ, 15.6.1984.**

**Устоди мӯҳтарам Аҳрор Мухторов!**

Пас аз дуруду салом ва арзи ихлос аз Шумо хоҳише дорам.

Пайи чанд муддат аст, ки ба таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Робиаи Балхӣ машғулам. Мутаассифона, дар бораи ҷазоёни зиндагии ӯ дар тазкираҳо маълумоти дақиқе нест. Барои дарёфтани асноди мӯътамад ба чанд асари таълимӣ, ки дар бораи Балх ва даврам Сомониён баҳс мекунад, муроҷиат кардам. Аз ҷумла бо мақолаҳои Шумо дар маҷаллаи «Ошно» ва асари Миробидин «Балх дар таърих ва адабиёти форсӣ» (Теҳрон, 1371) ошно шудам. Огоҳ ҳастам, ки Шумо китоби муфассале дар бораи Балх навиштаед. Афсӯс, ки касе аз дӯстони хуҷандӣ ин китобро надорад. Бинобар ин бо эҳсоси хиҷолату шармзадагӣ аз Шумо хоҳиш мекунам, ки агар нусхае аз ин китоб фиристода тавонед, хеле сипосгузор мешудам.

Дигар, ду суоле дорам, ки шояд дар посухи он Шумо душворӣ накашед:

1. Оё навоҳие бо номи Қуздор буд ё не? Қуздоре, ки дар Балуҷистони имрӯза аст, аз Балх хеле дур аст. Азбаски Робиаро Қуздорӣ, Балхӣ ва баъзан Қуздории Балхӣ номидаанд, дар шарҳи масъала душворӣ пеш омад.

2. Дар даврам Сомониён дар Балх ё шаҳракҳои шомили он амир Каъб ва баъди марги ӯ Ҳорис ибни Каъб фармонфармоӣ кардаанд ё не?

Узр, ки Шуморо заҳмат медиҳам.

**Бо камоли эҳтиром Матлуба Хоҷаева, доктори улуми филологӣ. ш. Хуҷанд, 25.8.1997.**

**МАКТУБИ САЛОМАТӢ!**

Акоҷон! Ман асари Шуморо дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмии Бобоҷон Ғафуров, ки ба номи ман навишта фи-

...истодед, гирифта бисёр хурсанд шудам. Бисёр миннатдорам, ки маро дар қатори рафиқону дӯстонатон ва қадрдононатон ҳисоб кардаед.

Ин асари Шумо навиштаро хонандаҳо хонда на фақат бо тарҷимаи ҳоли ин одами мӯътабар, балки бо фаъолияти илмӣ ва бо граждании миллати худ шинос мешаванд...

PDF Compressor Free Version

Бо эҳтиром, ...укон Шумо **ГАДОЕВ МАЗБУТ.**

ш. Ӯротеппа, 14.1.1980.

**Салом, муаллими мӯҳтарам!**

Аз он, ки лутфан рисолаи худро бо унвони «Академик Бобоҷон Ғафуров» бо камина фиристодаед, миннатдорам. Ман Шуморо чун муаррихи сермаҳсулу пухтакор мешиносам. Шумо низ чун «писари халқ» барои миллату таърих ва маданияти тоҷик хидматҳои шоиста кардаед ва хоҳед кард.

«Қадри зарро заргар медонад» мегӯянд халқи мо. Дар ҳақиқат роҷеъ ба ҳаёту эҷодиёт ва мақоми академик Б. Ғафуров навиштани рисолаи оммавӣ бояд маҳз ба Шумо супурда мешуд.

Муаллими мӯҳтарам! Шумо кори шоистаеро анҷом додаед, вале чун хонандаи оддӣ бояд изҳор намоям, ки роҷеъ ба мақому мартабаи академик Б. Ғафуров мо асарро дар ҳаҷми камаш 8—10 ҷузъи чопӣ интизорем. Чаро дар бораи як чӯпон, як сайёҳ ё спортсмен 5—6 ҷузъи чопӣ асареро чоп кардан мумкин будаасту дар бораи бузургони ҳақиқӣ не? И. Келдиев дар бораи А. Раҳимбоев асари калоне чоп карда буд. Охир шамъро бо хуршед ҳоҷати қиёс нест.

Ман аз илми таърих ба таври кофӣ огоҳ нестам. Вале мутолиаи «Таърихи халқи тоҷик» ва махсусан «Тоҷикон» маро маҷбур месозад, ки дар назди Ғафурови бузург бо эҳтиром сари таъзим фурӯд орам. Халқи тоҷик ҳаргиз ӯро фаромӯш нахоҳад кард. Аз ҳамин ҷост, ки ӯро на фақат «писари халқ», балки «падари халқ» номем, меарзад.

Муаллими мӯҳтарам! Бубахшед, ки вақти гаронбаҳои Шуморо гирифтам. Он чӣ дар боло гуфтам, аз хурсандии он аст, ки акнун, мо тоҷикон, дар бораи эҷодкунандаи асари безавол — «Тоҷикон» рисолаеро дар даст дорем.

Ҳамчун хонандаи доимии осори илмии Шумо умед дорам, ки дар бораи Б. Ғафуров ба воситаи нашриёти «Ирфон» (на ҷамъияти «Дониш») асареро дастраси хонандагон мегардонед.

Чандин сол аст, ки ба мутолиа асарҳои Шумо одат кар-

да мондаам. Асари наватонро дар бораи сайгхои «Кӯхистон» аз Панҷакент оварда хондам. Меҳнати пурмашаққат, вале бошарафонаи Шумо мо «кӯҳистониён»-ро шод намуд. Акнун навбати нашри васиқаҳо ва тақдири онҳо будагист?

Устоди азиз! Барои густохиам узр мехоҳам. Ба Шумо ва аҳли оилаатон хушбахтӣ орзумандам. Ҳамеша чун гузашта ва ҳозира корхоятон бобарору пурсамар бошад!

PDF Compressor Free Version

Бо эҳтироми самимӣ **РАШИД КАЛИМУЛЛОЕВ.**
Панҷакент, Шурча, 17.1.1980.

**Ба муаллими мӯҳтарам, рафиқ Мухторов Аҳрор!**

Мо ёру дӯстони деҳаи баландкӯҳи Шамтуч сиҳат ва саломатии Шумо ва аҳли оилаатонро доимо орзумандем. Тӯҳфаи қиматбаҳои Шумо «Академик Ғафуров Бобоҷон Ғафуровичӣ»-ро гирифтем. Раҳмат, муаллими азизу меҳрубон!

Ба Шатуч омадани ин китоб хоҳишмандони зиёдеро ба вуҷуд овард. Хабари хуши ба чоп тайёр шудани асари Б. Ғафуров «Тоҷикон» ҳам шодии беинтиҳо пайдо кард. Бинобар он аз Шумо хоҳиш менамоем, ки барои гирифтани 100 дона китоб оиди Б. Ғафуров ва 50 дона китоби «Тоҷикон» ба мо ёрӣ расонед.

Бо салом ва эҳтиром **РАҲМОНОВ А.** (Директори мактаб), Айнӣ, 18.1.1980.

**Мӯҳтарам А. Мухторов!**

Мактуб аз китобчаҳо оид ба Б. Ғафуров дастраси мо гардид. Аз ин хизмат ва ёдовариатон беҳад миннатдорем.

Китобчаҳо даст ба даст дар байни муаллимон боиси хушнудӣ ва муҳаббат ба фарзанди вафодори халқи тоҷик Б. Ғафуров гардид.

Якчанд рӯз пештар дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» мақолаи Шумо бо номи «Ёди некии дар дилҳост» ва акси устод Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров чоп шуда буд. Хонда шахсан худам аз он меболам, ки халқи тоҷик чунин арбоби давлатӣ, ходими барҷастаи илм дар СССР ва хориҷаро офаридааст. Албатта, дар рӯзҳои наздик хонандагони тоҷик китоби мӯътабари он кас «Тоҷикон»-ро ба забони модарии худ мутолиа менамоянд.

Агар имконият мешуд, пас аз чопи «Тоҷикон» 50 дона ва аз ин китобча 100 дона ба ихтиёри маъмурияти мактаб меомад, хеле ҳам хуб мешуд.

**ШАРИПОВ,** Айнӣ, деҳаи Шамтич, 24.1.1980.

**Бародари азизу олими номӣ ва устоди муаррихон Аҳрор Мухторов!**

Аҳвол худро дар касалхонаи вилоят табобат карда истодаам. Ин ҷо асари навбатии шумо «Бобоҷон Ғафуров»-ро (Душанбе, 1992) пурра мутолиа намудам. Ҷойҳои диққатҷалбкунандаи онро барои худ конспект кардам. Рисолаи мазкур [illegible]ей, таърихӣ ва тарбиявӣ дорад. Муболиға намешавад, агар баён намоям, ки мазмуни рисолаи Шумо ба ман на танҳо ғизои маънавӣ, балки дорую дармони хастагии ман, илҳоми ман гардид.

PDF Compressor Free Version

Дар рисолаи мазкури Шумо симои абадзинда, олими ховаршиноси ҷаҳонӣ, ғамхору меҳрубони ҳамаи мо, фахру шӯҳрати тоҷикон, ташкилотчии илм ва ходими намоёни халқу ҳизб, Бобоҷон Ғафуров барҷало инъикос гардидааст.

Бо ин рисолаи пурмазмун, ки аҳамияти зиёди илмию амалӣ ва тарбиявӣ дорад, Шуморо самимона муборакбод менамоям.

**Н. ШАРОПОВ, САМАРҚАНД, 18.5.1993.**

**Бародари азизу меҳрубон ва олими номӣ Аҳрорҷон Мухторов!**

Асари пурмазмуни Шумо «Бобоҷон Ғафуров»-ро, ки ҳамаи ҷиҳатҳои барҷастаи олими номии шарқшинос ва муаррих, арбоби давлатӣ, ташкилкунандаи илм, ғамхори олимони ҳамаи соҳаро дарбар мегирад, бо шавқ мутолиа намудем. Маводи зиёди диққатҷалбкунандаро ба риштаи илм кашидед. Офарин! Ин асар аҳамияти зиёди илмӣ, тарбиявӣ, маданӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ дорад. Шуморо бори дигар бо ин муваффақият аз таҳи дил муборакбод менамоем.

Оид ба асари Шумо мулоҳизаҳои худро мухтасар рӯи коғаз овардем. Нусхаи якумро ба рӯзномаи «Самарқанд» месупорем. Нусхаи дуввумро ба Шумо ёдгорӣ фиристодем.

Бо эҳтиром ва самимият **М. М. АБРАМОВ ва Н. ШАРОФОВ.** Самарқанд. 8.6.1998.

**Ассалому алайкум, устоди мӯҳтарам!**

Китоби арзанда ва гаронбаҳои Шумо — дастрас гардид. Бисёрҳо мутташаккирам барои китоб — китобе, ки давраҳои фаъолият ва зисту зиндагонии шахси барои ҳамаи мо арзанда дар он тасвир ёфтааст. Китобро хонда, ба итмом расонидаму ба навиштани ин нома пардохтам.

Устоди қадршинос! Аз китоб бо баробари шиносоӣ бо хислат, рафтор ва муносибати алломаи асри XX-и тоҷик — Бобоҷон Ғафуров, аз лаҳзаҳои ҷудогонаи фаъолияти Шу-

мо низ хабардор гаштам. Ҳақ бар ҷониби устод Улугзода аст, ки Б. Ғафуров ва М. Турсунзодаро ду боли миллати тоҷик номида буданд. Ман (бехтараш мо) низ китоби «Тоҷикон»-ро чун китоби муқаддас эҳтиром менамоем ва фахр мекунем, ки китобхонаи хурдакаки маро зеб медиҳад. Дар ҳар маврид барои масъалаҳои бахсталаб ба он рӯ меоварам ва ба муаммоҳои худ ҷавоби саҳеҳ мейёбам. Рӯҳашон шод бод...

PDF Compressor Free Version

Муаллим! Шуморо бо унвони Академикӣ табрик мекунам. Рости гап то ҳол ман бехабар будам.

Бо эҳтиром **НАБИЕВ АБДУНАЗАР.** Ноҳияи Нуратон, ҷумҳурии Ӯзбекистон, 8.4.1993.

**Ассалому алайкум Аҳроракаи меҳрубонам, азизи пурэътиборам.**

Нависандаи ин сатрҳо Абдулхалили Самарқандии Шумо буда, ба эътиқоди бузурги одамиятон мутасаннеҳо мегуям.

Ба наздикӣ мудири кафедраамон М. М. Абрамов ба ман рисолаи «Бобоҷон Ғафуров»-ро аз номи муборaки шумо бидоданд. Баробари ба даст гирифтанам, тамоми корхоямро ба як сӯ гузошта, машғули хондан шудам. Дар давоми хондани ин китоби қимматбаҳоятон ҳис кардам, ки Шумо ба паҳлӯям нишаста, ҳамсӯҳбатам мебошед. Ба ман аз ин бахти зиёд муяссар нашуда буд. Аз дур бошад ҳам, банда Абдухалил, ду даст ба пеш, сархам ба таъзими шумост.

Хушбахтии ман боз дар он аст, ки дар давоми 25 соли шиносоиимон маро аз хотир фаромӯш накарда ёдовари мекунед. Шумо, Аҳроракаи ман якумин шахсе, ки ба камина дӯстӣ ва риштаи алоқаи Самарқанду Душанбе пайвастаед.

Дар рисолаи «Бобоҷон Ғафуров» номи маро дар с. 94 қайд кардаед. Миннатдорам. Ба самарқандиён, ҷӯраҳоям ва дӯстонам сатрҳои навиштаатонро бо ифтихор хонда додам. Баъзе аз рафиқон дар ҳайрат монданд, ки Шумо ҳамин хел бародарҳои кабиру бузург доред. Ин ифтихори байни шаҳрҳои калон аст...

Умри дароз аз табиат барои Шумо шабу рӯз дар талабам. Ба дидори табассумлори Шумо доим муштоқ — **АБДУХАЛИЛАТОН.**

ш. САМАРҚАНД, 26.4.1993.

**Фарзанди содиқу ғамхор, дӯсти меҳрубон, рафиқ Мухторов Аҳрорҷон!**

Ман шаби 2—3 январи соли 1980 дар телевизор ҷамоли Шуморо дидам, суханҳои пурмазмун дар ҳаққи фарзанди вафодори тоҷик Бобоҷонако Ғафуров шунидам. Чунин тасаввур пайдо шуд, ки Бобоҷонако дар трибуна истодаанд. Бениҳтнер ашкам аз дида равон шуд.

PDF Compressor Free Version

Укои меҳрубон! Ҳақиқатан Шумо Бобоҷонакоя аз дигар зинда кардед. Ман шахсан бисёр миннатдор аз Шумо, укои азиз.

Бо эҳтироми бисёр **АШУРОВ ҶУРАБОЙ**. Хуҷанд.
24.1.1980.

**Мӯҳтарам, укои азиз Аҳрорхӯҷа!**

Шумо фиристодаги бандеролро гирифта кушодам. Номи бузурги халқ — Бобоҷон Ғафуровро хонда, укои азизам, обакон дидаам шашқатор шуд. Сарам ба осмон расид. Асло саратон дардро набинад, доимо соку саломат бошед, коратон ривоҷ гирад.

Ҳамаи азоби укубатҳои ба ин китоб меҳнат карда кашидаатонро роҳаташро аз хонадонатон, фарзандонатон, аз ҷон коратон бинед. Хурсандӣ, хурмату муҳаббат ёратон бод. Доимо дар пеши ёру дӯстон хурмати Шумо, иззати Шумо афзояд.

Укоҷон, кадом одаме, ки шахсони азизро ба ёд мебиёрад, ва қимати онҳоро баланд мекунад, ин одам асло хур намешавад, доимо сазовори иззати ёру дӯстон мешавад. Шумо аз ҳамин хел инсон. Номбардори азиз, худатон машхур. Ман орзу менамоям, ки доимо Шумо шоду саломат бошед, ҳамаи азобу укубатҳои дар ин китоб кашидаи Шумо роҳати ҷони Шумо гардад. Бо эҳтиромҳои бисёр ба Шумо азизу меҳрубон

**АШУРОВ ҶУРАБОЙ**, Хуҷанд, 18.1.1996.

Ассалому алайкум, инсони барои ҳамаи мо азизу мӯътабар Аҳрорҷон-ако Мухторов!

Китобхои бо лутфи хоса ирсол намудаатон дастраси мо гардид. Насибаи Ҳоҷӣ Бобохон-акоро ба дасти худашон супурдам. Ҳарду аз ин лутфу марҳамати Шумо барин олими номбардори миллат беҳад хурсанд шудем, ҳазор ташаккур!

Китоби хотираҳоятонро дар бораи олими намоён, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ Бобоҷон Ғафуров бо шавқи та-

мом хонда баромадам. Саҳарӣ аз хоб хеста, таҳорат намуда, то вақти намоз ҳам мутолиа намудам. Ман бисёр асарҳои хотиравиро дӯст медорам ва хондаам. «Бобоҷон Ғафуров»-и Шумо хеле хонданбоб баромадааст. Ҳаёт ва фаъолияти ин шахси бузургро басо мароқангез ба қалам додаед. Дар онҳо ҳеҷ гуна сохтакорӣ ҳис карда намешавад. Б[illegible] PDF Compressor Free Version қоил нашудан мумкин нест. Вақти воҳӯриҳоятонро бо мӯҳтарам Бобоҷон Ғафуров саҳеҳ баён кардед. Солҳо, моҳу рӯзҳо ва ҳатто соату дақиқаро ҳам қайд кардед, раҳмат! Дар китоб хотираҳои шахсони бузургро дар бораи эшон ҷой кардаед.

Умуман, китоб барои ҳама китоби хондании баромадааст. Ба гуфти халқ «ба тақдир тақдирҷунбон ҳам даркор». Бо саъю кӯшиши Шумо, аз нав дар байни халқ қадру қимати Бобоҷон Ғафуров «қад рост кард». Мо бисёр одамонро медонем, ки баъд аз мансаб ё аз дунё рафтани он шахс, ӯро ба дасти фаромӯшӣ месупоранд. Аммо, Шумо, чун шахси комил ва шогирди вафодор, хотираи ин ҳирадманди бузургро пос дошта меоед. Раҳмат ба Шумо!

Фонди «Маскани Зиё» рӯз то рӯз ғанӣ гардида истодааст. Тӯҳфаи арзандаи Шумо барҷи шахсони бузург эътибори ин ганҷинаи китобро боло бардошта, боиси ифтихори соҳибонаш мегардад.

Мо ҳама хешу табор ва аҳли деҳа сиҳат ва саломат буда, рӯзу шаб дар талаби сиҳат ва асломатии дӯстони қадрдон мебошем.

Ба Шумо сиҳат саломатӣ, бахту саодати оилавӣ, омаду барори эҷодӣ орзу менамоем.

Бо камоли эҳтиром, мухлиси Шумо **АБДУЛЛОХОН ҚАЮМОВ** киш. Янгиарики Боло, ноҳияи Ғончӣ, 9 июни 1993

**Муаллими мӯҳтарам, Аҳрор Мухторовичи азиз!**

Китобҳои фиристодаатонро гирифтам. Онҳо «Қошонаи Саъдӣ»-ро боз ҳам ғанитар ва пурфайзтар гардониданд. Миннатдорам, саломат бошед. Бо эҳтиром мухлиси Шумо, **АКБАР БОБОХОҶАЕВ**.

*Ӯротеппа,* 18.3.1977.

## ПРОГРАММАИ КОРИ ПРОФЕССОР А. МУХТОРОВ ДАР РОБИТА БО ТАЪРИХИ АФҒОНИСТОН ВА МЕТОДИ ТАЪРИХНИГОРӢ

Дар нишасти мухтасаре, ки бо ҳузури худ профессор Мухторов дар дафтари кории раиси маркази умумии иҷтимоӣ сурат гирифт, ба манзури истифодаи азиме аз раҳна-

мудхои донишманди мазкур, ки нахустин таърихдони Тоҷикистони Иттиҳоди Шӯравӣ аст, ба ҷиҳати ҳамкориҳои илмӣ ба маркази улуми иҷтимоӣ ба Афғонистон ташриф овардааст. Таҷвиз ба амал омада, ки мавсуф дар ҳафтаи се рӯз (яъне рӯзҳои шанбе, душанбе ва чаҳоршанбе) аз тарафи субҳ ба хотири ҳамкории наздик бо Институти таърих ва раҳнамоии кормандони он Институт ба маркази улуми иҷтимоии академияи улум Афғонистон ташриф хоҳанд овард. Бақияи се рӯзи дигари ҳафта, яъне рӯзҳои якшанбе, сешанбе, панҷшанберо ҷиҳати гирдоварии мавод ва матолиби мавриди дилчаспии худи профессур дар аршифи миллӣ, китобхонаи олимони Кобул, китобхонаи пуҳантун, китобхонаи шӯрои инқилобӣ ва ғайра китобхонаҳои шахсии донишмандони афғонӣ, масрури кор хоҳанд буд.

Ин программа барои раҳнамоии кормандони Институти таърих, ба хусус дар заминаи ошноӣ бо методологии таърихшиносии навин ва ҳамчунон тарҳи як плони тавилулмуддат, таҳқиқ дар таърихи Афғонистон, арзанда ва муфиди талаққӣ мегардад.

Зимнан, донишманди мазкур изҳори алоқамандӣ карданд, то дар нахустин рӯзгори худ ба перомуни тарзи кори Институти таърихи Академияи улуми Тоҷикистони Шӯравӣ ба донишмандон ва кормандони Институти таърих ва Институти шарқшиносӣ конфронс бидиҳанд. Ҳамчунин ибрози алоқамандӣ намуданд, то дар таърихи чаҳоршанбе 11.2.1369 мулоқот бо муҳтарам Сулаймон Лоиқ ва секретари илмии Академияи улум анҷом диҳанд.

## АКАДЕМИЯИ УЛУМИ АФҒОНИСТОН. «ХАБАРНОМА»-И ПАНҶУМИН НАМОИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИТОБ, ТЕҲРОН, 19 УРДУБИҲИШТ, 1371.

Аҳрори Мухторов, узви Академияи улуми Тоҷикистон: «Чу Эрон набошад, тани ман мабод».

Дар чаҳоруми рӯз аз барпои панҷумин намоишгоҳи байналмилалии китоб рӯзи миллии Тоҷикистон бо ҳузури мақомоти фарҳанги баландпояи ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҳали Солан конфронси ин намоишгоҳ барпо шуд.

Дар ин маросим ҳуҷҷатул ислом Сайид Муҳаммад Ҳотамӣ — вазири фарҳанг ва иршоди исломӣ, Аҳмад Маҷиди Ҷомеъ, муованати фарҳанги вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ ва ҷамъ аз аъзои вазорати фарҳанг ва иршоди ис-



PDF Compressor Free Version

ломӣ аз Эрон ва низ Бобохон Муҳаммадзода, вазири иттилоот ва матбуот, Ато Ҳамдам — вазири фарҳанг ва доктур Аҳрори Мухтор, узви академияи улуми Тоҷикистон ҳузур ёфтанд.

...Охирин суханрони ин маросим, Аҳрор Мухтор, узви академияи улуми Тоҷикистон буд. Вай дар суханони кӯтоҳи худ, вуҷуди муштараки таърихи Эрон ва Тоҷикистонро баршумурд. Аз ҷумла ёдовар шуд, ки санъати миниатюрӣ аз Эрон ба Тоҷикистон омад. Мо инак ба Эрон омадаем то «дарахти дӯстӣ бинишонем, ки коми дил ба бор оварад». Вай суханони худро бо ин мисраъ аз шеъри Фирдавсӣ,

«Чу Эрон набошад, тани ман мабод», поён дод, ки бо иброзу эҳсосоти шадиди ҳуззор мавваҷа шуд.

Профессур Аҳрор Мухторзода зимни ҳузур дар ғурфаи рӯзномаи «Хабар» ва ташаккур аз ирсоли мураттаби ин рӯзнома ба Тоҷикистон, аз ин ки худро дар байни ҳамзабонон, ҳамфарҳангон ва ҳамкешони худ мебинад, ибрози хушҳолӣ кард. Дар мавриди Шероз гуфт: Орзуи дидори Шерозро дорам, Шероз ва Ҳофиз Каъбаи дуввуми мост. Ҳар замон, ки номи Ҳофизро мешунавам, Шероз дар назарам меояд ва ҳар замон, ки номи Шерозро мешунавам, Ҳофиз дар назарам меояд. Гуфтугӯи муфассал пиромуни зиндагӣ, осор ва таърихи Мовароуннаҳр бо профессур Мухторзода анҷом додаем, ки дар ибтидо аз назари алоқамандон хоҳад гашт.

**(Хабар» явмияи субҳ. Шероз, 7 моҳи май 1992).**

## МУАРРИФИИ КИТОБ НАШРИ «МУНТАХАБ УТ-ТАВОРИХ» ДАР ТОҶИКИСТОНИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ (РӮЗНОМАИ «ҶУЗҶОНОН», 18.6.1364).

Академияи улуми ҷумҳурии Тоҷикистон Иттиҳоди Шуравӣ аз чанде бо ин тараф ба табъу нашри силсилае аз сарчашмаҳои ношири фарҳангии халқҳои Шарқро оғоз намудааст.

Манобеъ ва махази хаттии тамаддуни шарқ дар китобхонаҳои мухталиф ҳифз шуда, аз ин рӯ, ҷамъоварӣ, тадқиқ ва ба табъу нашр расонидани онҳо яке аз ҷумлаи хадамоти нек ва шоиста нисбат ба осори гузаштагон буда, ки дар воқеъ маҳсули тафаккури донишмандон мебошад.

Барои нахустин бор муаррихи маъруф ва шиносхтишудаи тоҷик, узви академияи улуми Тоҷикистон, профессур

